# PLITONIT ГидроЭласт 2К




**12,5 кг + 4 кг**

- ✓**Чандириро дар ҳарорати то -20°С нигоҳ медорад**
- ✓**Барои корҳои беруна ва даруна**
- ✓**Рӯйпӯшкунии тарқишҳо то 0,8 мм**
- ✓**Имконияти кор бо бетони ҷавон**
- ✓**Барои алоқа бо оби нӯшокӣ иҷозат дорад**

PLITONIT Plitonit Deutsche Qualität

ПРОФЕССИОНАЛ БУДАН ОСОН АСТ

## Гидроизолятсияи чандири дукомпонента барои корҳои дарунӣ ва берунӣ

Боргирии дастурамал дар забони дигар/
Download the manual in another language
kz | az | uz | tj | kg | tm | am | ge | mn

### Соҳаи татбиқкунӣ

Система барои ҳифзи сохторҳои амудӣ ва уфуқӣ аз бетон, оҳану бетон, хишт аз таъсири обҳои грунтӣ, боронӣ ва муқовимат ба филтратсияи намӣ тавассути сохтор ҳангоми хизмат дар об таъин гардидааст.

| Намудҳои асос | Фарш / Деворҳо |
|---|---|
| Оҳан, оҳану бетон, блокҳои ҳуҷайрадор, хишт, лойи андова дар асоси сементӣ, фаршҳои рехташаванда дар асоси сементӣ, гаҷӣ ё ки маҷмуавӣ | + |
| ГКЛ, ГВЛ, СМЛ, Аквапанель | + |
| ЦСП, OSB, фанера | — |
| Асосҳои суст ва бӯршаванда | — |
| **Соҳаҳои татбиқ** | |
| Пешайвонҳо ва балконҳо | + |
| Унсурҳои биноҳо, ки дар поён аз сатҳи замин ҷойгиранд – пойдеворҳо, таҳхонаҳо ва монанди он. | + |
| Ҳавзҳои ҷамъшаванда ва монолитӣ, зарфҳо барои оби таъиноти хоҷагӣ бо чуқурии то 80 м | + |
| **Намудҳои қабатҳои баъдина** | **Фарш / Деворҳо** |
| Ширеҷ барои лавҳа ва керамогранит | + |
| Лойи андова дар асоси семент | + |
| Фаршҳои рехташаванда дар асоси сементӣ, гаҷӣ ё ки маҷмуавӣ | + |
| Истифодабарӣ бе ороиши баъдина (бе сарбориҳои механикӣ) | + |
| Ранг / гулкоғазҳо | — |
| Фаршҳои рехташаванда дар асоси эпоксидӣ | — |

### Омодакунии асос

Сатҳ бояд аз чанг, ифлосӣ, равғанҳо, чарбу, шири сементӣ ва заррачаҳои дигари монеъашаванда ба пайвастшавии мавод бо асос тоза карда шавад. Тарқишҳо, кафишҳо, ковокиҳо ва нобаробариҳои нӯгтези дигарро то молида шудани гидроизолятсияи полимерӣ бо ғӯрагаҷ, лойи андова ё ки таркиби таъмирӣ дар асоси семент, масалан, PLITONIT РемСостав пур карда шаванд.
Пеш аз молидани таркиб сатҳи асосро бояд пешакӣ нам кард. **Татбиқ кардани мавод ба асоси тари ба заҳида гузаштани об гирифторбуда иҷозат дода намешавад** (яъне тавассути асос набояд об дар давоми 3 шабонарӯз баъд аз молида шудани об филтр нашавад).

### Омодакунии омехтаи маҳлулӣ

**Маҳсулот аз ҷузъҳои хушк ва моеъ иборат аст. Ба 1 ҷузъи хушк 0,32 литр ҷузъи моеъ талаб карда мешавад. Ҳангоми омехтакунии маҷмуаи пурра таркиби ду пакетҳо бо моеъро аз канистри 4 л бояд омехта кард.**

| | |
|---|---|
| 1 | Ҷузъи моеъро ба контейнер барои омехтакунӣ резед (аз сатил, ки ба он тамоми маҷмуа бандубаст шудааст, истифода бурдан мумкин), ба он ҷузъи хушкро илова кунед. |
| 2 | Омехтаи хушк ва обро дар давоми 2-3 дақиқа бо ёрии миксери барқӣ ё ки пармаи барқӣ бо мулхақа то ҳосил шудани консистенсияи якнамуда омехта кунед*** |
| 3 | То тахшиншавии маҳлул 5 дақиқа интизор шавед ва такроран омехта кунед. |
| 4 | Омехтаи омодаро дар давоми 60 дақиқа истифода баред. |

*** суръати даврзанӣ на бештар аз 600 гардиш/дақиқа. **БА ОМЕХТАКУНИИ ДАСТӢ РОҲ ДОДА НАМЕШАВАД!**

### Тартиби иҷрои корҳо

| | |
|---|---|
| 1 | Қабати якуми мавод бо усули рангкунӣ бо ёрии чӯткаи андовагӣ ё ки чӯткаи бомӣ молида мешавад. |
| 2 | Ҳар як қабати навбатии гидроизолятсия баъд аз сахтшавии пешина бо ёрии чӯтка ё ки андоваи пӯлодин молида мешавад. Вақти сахтшавии қабати якум 2-3 соат, ҳар як баъдина 3-6 соат. |
| ! | Маводро на кам аз 2 қабат бояд молид. |
| ! | Ғафсии максималии молидани як қабат -3мм<br>Ғафсии минималии як қабат -1 мм |
| ! | Ҳангоми молидани қабатҳои баъдина қоидаи молидани кӯндалангро бояд риоя кард: самти ҳаракати асбоб ҳангоми кор дар қабат бояд ба самти пешина перпендикулярӣ бошад. |

**Ҳангоми гузаронидани корҳо дар ҷойҳои часпиши “фарш-девор”, инчунин дар минтақаи расидан ба қубурҳо ва шикофиҳои обрезӣ, масалан, ҳангоми гидроизолятсияи душ, ҳуҷраи шустушӯ татбиқ кардани тасмаҳои чандири гидроизолятсионӣ, масалан, PLITONIT ГидроЛента тавсия дода мешавад.**

### Тавсифномаи техникӣ

| | |
|---|---|
| **Барои ҷузъи хушк** | |
| Калонии максималии пуркунанда | 0,63 мм |
| **Барои ҷузъи моеъ** | |
| Бақияи хуш | на кам аз 40% |
| pH | 7-8,5 |
| Часпакӣ | 10-15 сония |
| **Барои маҳлули ба татбиқкунӣ омода** | |
| Вақти истифодабарии омехтаи маҳлулӣ | на бештар аз 60 дақиқа |
| Хароҷоти омехта, ҳангоми ғафсии қабат 1 мм | 1,4-1,5 кг/м$^2$ |
| **Барои маҳлули сахтшуда** | |
| Тамға оид ба обногузарӣ ҳангоми фишори бевоситаи об | на камтар аз W8 |
| Тамға оид ба обногузарӣ ҳангоми фишори баръакси об | на камтар аз W4 |
| Мустаҳкамии пайвастшавии маҳлул бо асос | на кам аз 1,0 МПа |
| Дарозшавии нисбӣ ҳангоми кандашавӣ | на кам аз 10% |
| Рӯйпӯшкунии тарқишҳо бо ғафсӣ | то 0,8 мм |
| Ҳарорат ҳангоми истифодабарӣ | аз -20°С то +70°С |
| Вақти сахтшавии маҳлул то дараҷаи 3 | на бештар аз 6 соат |
| Имконияти гузаронидани корҳои баъдина | баъд аз 3 шабонарӯз |
| Алоқа бо оби нӯшокӣ | иҷозат дода шудааст |
| Фаъолнокии самаранокии нисбии радионуклидҳои табиӣ | на бештар аз 370 Бк/кг |

### Миқдори қабатҳои молиданӣ ва хароҷот

| Соҳаи татбиқ | Миқдори қабатҳо | Ғафсии умумии рӯйпӯшкунӣ, мм | Хароҷот, кг/м$^2$ |
|---|---|---|---|
| Фарш дар душхона/ҳуҷраи шустушӯ | 2 | 2 | 3 |
| Пешайвонҳо ва балконҳо | 2 | 2 | 3 |
| Пойдеворҳо, таҳхонаҳо ва монанди он | 2-3 | 2-3 | 3 - 4,5 |
| Ҳавзҳои ҷамъшаванда ва монолитӣ | 3 | 3 | 4,5 |

**Шартҳои гузаронидани корҳо**
Ҳангоми гузаронидани корҳо ва дар давоми 3 шабонарӯз таъмин кардани нигоҳдории ҳарорати ҳаво 3 шабонарӯзи баъдина дар ҳудуди аз +10°С то +30°С зарур аст. Ҳарорати омехтаи маҳлулӣ ва асос дар ҷараёни гузаронидани корҳо – аз +10°С то +30°С. Сатҳро ҳангоми гузаронидани корҳо аз боришоти атмосферӣ, нурҳои бевоситаи офтобӣ ва бодғар муҳофиза кардан лозим. Ба сатҳи яхбаста молидан манъ аст.

**Диққат**
Аз ҳад гузаронидани ғавсии иҷозатдодашудаи қабати молидан дар як гузариши корӣ ба ҳосилшавии тарқишҳои фишурда дар сатҳи берунаи рӯйпӯши гидроизолятсионӣ оварда расонида метавонад. Дар ҷараёни гузаронидани корҳо омехтаи маҳлулиро давра ба давра омехта кардан тавсия дода мешавад. Тавсифномаҳои нишондодашудаи муваққатӣ дар ҳарорати муҳити атроф 20±2°С, намии нисбии ҳаво 60±10% эътибор доранд, ва дар дигар шароити ҳароратӣ-намнокӣ тағйир ёфта метавонанд. Корҳои баъдинаи ороиширо баъд аз назорати набудани камбудиҳои сатҳ ва филтратсияи об гузаронидан тавсия дода мешавад (тақрибан баъд аз се шабонарӯз). Дар ҳолати муайян гардидани камбудиҳо (тарқишҳо, ба қабатҳо ҷудо шудан, филтратсияи об) ин қитъаҳоро кушодан ва корҳоро такрор кардан лозим аст. Корҳо оид ба молидани рӯйпӯшкунии гидроизолятсиониро муттасил, бе ҳосилкунии чокҳои сард бояд гузаронид.

**Чораҳои эҳтиёт**
Мастика ба 4 дараҷаи хатарнокӣ (моддаҳои камхатар) тибқи СтД 12.1.007 мансуб аст

**Ҳангоми иҷроиши корҳо аз дастпӯшакҳо, айнаҳои муҳофизатӣ, воситаҳои ҳифзи аъзоҳои нафасгирӣ истифода баред**

**Расидани омехта ба пӯст ва чашмонро пешгирӣ кунед. Ҳангоми ба чашмон расидан дарҳол онҳоро бо миқдори зиёди об шӯед ва ба духтур муроҷиат кунед**

**АЗ КӮДАКОН ЭҲТИЁТ КУНЕД!**

**Таркиб**
Ҷузъи хушк: рег, портландсемент, иловаҳои модификатсиякунанда ва гидрофобизатсиякунанда, микронаххо. Ҷузъи моеъ: об, дисперсияи латексӣ, иловаҳо.

**Ҳамлу нақл ва нигоҳдорӣ**
Омехта дар воситаҳои пӯшидаи нақлиётӣ тибқи қоидаҳои кашонидани борҳо ҳамлу нақл карда шавад. Барои ҷузъи хушк: лимчаҳо бо омехтаи хушк бояд дар биноҳои пӯшидаи хушки таъминкунандаи маҳфузии бандубаст ва нигоҳдорӣ аз намшавӣ нигоҳ дошта шавад; барои ҷузъи моеъ: дар биноҳои пӯшидаи хушк дар шароити таъминкунандаи маҳфузии бандубаст дар ҳарорати на пасттар аз +5°С нигоҳ дошта шавад. Мӯҳлати нигоҳдорӣ дар тараи истеҳсолкунанда – 12 моҳ аз рӯзи истеҳсол.

**Кафолати истеҳсолкунанда**
Истеҳсолкунанда мутобиқати омехтаро ба талаботи шартҳои техникӣ ҳангоми риоя карда шудани шартҳои ҳамлу нақл, нигоҳдорӣ ва нишондодҳои дастурамали мазкур аз ҷониби истеъмолкунанда кафолат медиҳад. Истеҳсолкунанда ҳангоми риоя накардан ба технологияи корҳо бо мавод, инчунин татбиқ гардидани он бо мақсад ва шартҳои бо дастурамали мазкур пешбининагардида ҷавобгарӣ надорад. Фарқият аз вазни холис тибқи СтД 8.579-2001. Маҳсулот барои истифодабарӣ дар ҳамаи намудҳои сохтмони гражданӣ (Аэфф <370 Бк/кг; I дараҷаи маводҳо аз рӯи СанПиН 2.6.1.25.23-09 «Меъёрҳои бехатарии радиатсионӣ (НРБ 99/2009)» иҷозат дода шудааст..

**ХАДАМОТИ ДАСТГИРИИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН**

8 (800) 555 - 71 - 67

www.plitonit.ru

e-mail: info@mc-bauchemie.ru